«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
**Ректори Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор**
**______ Шарифзода М.М.**
**аз «23» 04 соли 2022**

## ХУЛОСАИ

**Шӯрои олимони факултети сиёсатшиносӣ ва муносибатҳои байналхалқии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон ба диссертатсияи Султонзода Беҳзод Султонӣ «Лашкардории аморати Бухоро дар замони тобеияти вассалӣ ба Россияи подшоҳӣ (солҳои 60-уми асри XIX ибтидои асри XX)» ҷиҳати дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯи ихтисоси 07.00.02 - Таърихи ватанӣ (таърихи халқи тоҷик)**

Диссертатсияи Султонзода Беҳзод Султонӣ дар мавзӯи «Лашкардории аморати Бухоро дар замони тобеияти вассалӣ ба Россияи подшоҳӣ (солҳои 60-уми асри XIX ибтидои асри XX)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯи ихтисоси 07.00.02 - Таърихи ватанӣ (таърихи халқи тоҷик) дар кафедраи таърих ва диншиносии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон ба анҷом расидааст. ( ш. Хуҷанд, суроға: 735700, Худҷанд, микроноҳияи 17, бинои 1., E-mail: tsulp@rambler.ru).

Мавзӯи диссертатсия бо қарори №1 Шӯрои олимони Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон таҳти унвони «Лашкардории аморати Бухоро дар замони тобеияти вассалӣ ба Россияи подшоҳӣ (солҳои 60-уми асри XIX ибтидои асри XX)» аз 22.01.2013 тасдиқ гардидааст.

**Роҳбари илмии** Султонзода Беҳзод Султонӣ ректори донишгоҳи омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, доктори илмҳои таърих, Ғаффорӣ Нӯъмонҷон Усмонзода таъйин шудааст.

Султонзода Беҳзод Султонӣ соли 2003 факултети таърихи Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуровро бо ихтисоси муаллими таърих ва ҷомеашинос хатм намудааст. Солҳои 2010-2012 фаъолияти меҳнатиро ба ҳайси муаллими мактаби Муассисаи таълимии ғайридавлатии “Мактаби Рустамов” оғоз намуда, солҳои 2012-2015 ҳамчун унвонҷӯи кафедраи таърихи халқи тоҷики Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон фаъолият намудааст. Аз соли 2012 то соли 2021 дар факултети № 4-уми Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳайси муаллим-методисти калони қисми

таълимӣ ва аз октябри соли 2021 то ҳол дар вазифаи сардори қисми таълимӣ фаъолият дорад.

Тибқи шаҳодатномаҳои № 611 аз 23.04.2019 аз фанни таърих ва фалсафаи илм, № 631 аз 23.04.2019 аз фанни забони англисӣ дар Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон имтиҳони минимуми номзадиро супоридааст.

Ҳуҷҷатҳои довталаб Султонзода Б.С. - ариза ба номи ректори Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон оид ба баррасии кори илмии Султонзода Б.С., хулосаи ҷаласаи Шӯрои олимони факултети сиёсатшиносӣ ва муносибатҳои байналхалқӣ Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон дар хусуси дуруст ба расмият даровардa шудани диссертатсия ва пешниҳоди дастнависи автореферат, нусхаи интишороти Султонзода Б.С., вобаста ба мавзӯи диссертатсия барои баррасӣ ба Шӯрои олимон пешниҳод шудааст.

**Аз муҳокимаи диссертатсия чунин натиҷагирӣ карда шуд:**

Диссертатсияи Султонзода Беҳзод Султонӣ аввалин таҳқиқоти муфассал оид ба «Лашкардории аморати Бухоро дар замони тобеияти вассалӣ ба Россияи подшоҳӣ (солҳои 60-уми асри XIX ибтидои асри XX)» ба шумор меравад. Мавзӯъ аз ҷониби диссертант бо фарогирии ҷиҳатҳои гуногунаш мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифтааст.

**Мубрамии мавзӯи таҳқиқот.** Таъсиси ҳар давлат дар ҳар замоне бо мавҷудияти лашкар иртиботи ногусастанӣ дорад. Лашкар, ҳамон тавре ки дар саҳифаҳои таърих мушаххас аст, яке аз сифатҳои азалии муайянкунандаи давлат, муҳимтарин бахши дастгоҳи идорӣ, мудофеъ ва пуштибони он аз хатарҳои дохилӣ ва хориҷӣ маҳсуб мешавад. Дар ҳар ҷомеаи табақотӣ лашкар як вижагии органикии давлат ва абзоре барои татбиқи сиёсати он аст. Дар дарозои таърих лашкари ҳар давлат дорои шаклҳои хоси созмондеҳӣ, равишҳои мудирият, таъминот ва усулҳои омӯзиши мушаххасе мебошад. Таҳқиқ ва омӯзиши ин рукни давлатдорӣ, яъне лашкар, усулҳои созмондиҳӣ ва мудирияти он дар давраҳои пасини феодалӣ дар аморати Бухоро аз аҳамияти муҳими илмӣ ва омӯзишӣ бархӯрдор аст.

Дар замони истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон шароити хосе барои омӯзиши таърихи сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии давлатҳои давраи пасини муносибатҳои феодалии Осиёи Миёна фароҳам омадааст. Бо дарназардошти зарурати омӯзиши ҳамаҷонибаи таърихи халқи тоҷик дар садаҳои миёна ва пасин мавзӯи лашкардорӣ, нақши лашкар дар умури сиёсӣ ва идории давлат ва мақоми он дар давлатҳои Осиёи Миёна, аз ҷумла аморати Бухоро дар нимаи дуюми асри XVIII ва ибтидои асри XX аҳамияти хос пайдо мекунад.

Аморати Бухорои аҳди манғитиён мусалламан дорои низоми хоси давлатӣ ва лашкар буд. Ин мавзӯъ дар асарҳое, ки ба баррасии таърихи ин замон ихтисос ёфтаанд, то ҳадде матраҳ шудааст. Аммо то кунун ба тариқи маҷмӯӣ масъалаи лашкар, ҳайати он, рисолати ин лашкар ва мудирияти он дар аморати Бухорои ин давр таҳқиқи ҳамаҷониба нашудааст. Бо дарназардошти ин зарурат дар ин диссертатсия масоили ташкили артиши муназзам дар аморати Бухоро, анъанаи лашкардорӣ ва навовариҳо дар мудирияти он, таъмини лашкар бо аслиҳаи ҷангӣ, идораи лашкари аморат, рутбаҳои ҳарбӣ ва ухдадориҳои соҳибмансабони лашкари аморат дар замони таҳти васояти Россия будани аморати Бухоро мавриди баррасӣ қарор ёфтаанд, ки мубрам будани омӯзиши ин масъаларо равшан мекунанд.

Аморати Бухорои ин аҳд дар қиёс ба хонии Хива ва Хӯқанд то андозае кишвари дорои низоми собит буда, бо ҳамсоягон ва давлатҳои дури хориҷа муносибатҳои мухталифи дуҷониба дошт. Бо дарназардошти ин, дар ин замон дар умури лашкардории аморати Бухоро анъана ва навовариҳое мушоҳида мешаванд. Ин масъала ва дигар масоил, ки дар боло зикр шуд, боис гардид, ки дар ин диссертатсия таъсиси лашкар, умури лашкардорӣ ва таъминоти ҳарбии аморати Бухоро дар замони тобеияти сиёсӣ ба Россияи подшоҳӣ мавриди омӯзиш қарор гирифта, ҳолат, идора ва анъанаҳои лашкардорӣ таҳлил карда шаванд.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзӯи илмӣ.** Дар диссертатсия ташкили лашкар ва хидмати ҳарбӣ дар аморати Бухоро, ҳолат ва идораи он, ташкили артиши муназзам ва таъминоти моддии он, ҳамчунин, аслиҳа ва таъминоти лашкари аморати Бухоро бо асбоби ҷангӣ ва муҳорибаю мудофиа, унвон, дараҷаҳои ҳарбӣ ва ӯҳдадориҳои соҳибони он, таъмини моддии сарбозон тибқи анъана ва навовариҳо, ҳаёти моддӣ-маишии онҳо мавриди омӯзиш қарор гирифтааст. Ин масъалаҳо дар осори таърихнигорони маҳаллӣ, хотира ва ёддоштҳои олимону муҳаққиқони рус ва хориҷа дар замони забти Осиёи Миёна аз тарафи Россия ва дар даврони тобеияти аморати Бухоро ба Россия, осори олимон ва тадқиқотчиёни даврони шӯравӣ ва даврони баъди барҳамхӯрии империяи шӯравӣ низ инъикос ёфтаанд. Аз ҷумла, дар асарҳои Ҳ.Пирумшоев, А.Ш. Розиқзода, Б.Исмоилова, В. Дубовитский, А.Саидов, М.Ш. Холов, Ҷ. Ҷӯрабоев, Бароти Шамсо, Ю. Шукриллаев, Б.Р. Турсунов, олимони рус Д.В. Шевченко, О.А. Егоренко, С.С. Бороздин ва дигарон маълумотҳои муҳим доир ба масъалаҳои ҳарбӣ, идораи маъмурӣ-давлатӣ, вазифаҳои маъмурӣ ва ҳарбӣ дар аморати Бухоро инъикос ёфтаанд, ки барои пажӯҳандагон ҳамчун арзишҳои муҳими таърихӣ хизмат мекунад.

Аз назари унвонҷӯ, дар баробари ин, масъалаи унвон, дараҷаҳои ҳарбӣ ва ӯҳдадориҳои соҳибони он таъмини моддии сарбозон тибқи анъана ва навовариҳо, ҳаёти моддӣ-маишии онҳо ҳам омӯзиши хоса ва умдаеро талаб мекунад. Доир ба ин муаммо низ муаллиф бозҷусти илмӣ бурда, ба ҳалли бархе масъалаҳои таҳқиқнашудаи лашкар ва таъмини моддии лашкар дар аморати Бухоро алоҳида таваҷҷуҳ зоҳир намудааст.

**Навгонии илмии таҳқиқот** пеш аз ҳама дар он зоҳир мегардад, ки бори нахуст мавзӯи илмии мазкур дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври умумӣ ва ҳарҷониба баррасӣ ва таҳқиқ мешавад. Навоварии таҳқиқот мушаххастар ба тариқи зайл нишон дода мешавад:

- Дар иртибот бо омӯзиши ин мавзӯъ доир ба афкори ҳарбӣ ва низомии халқи тоҷик дар замони мавҷудияти аморати Бухоро, идора ва сохтори он, унвон ва амалҳои ҳарбӣ фикр ва мулоҳизаҳо баён шудаанд.
- Мақом ва иштироки мардуми тоҷикзабон дар воқеаҳои сиёсии давр, вазъи иқтисодӣ ва иҷтимоии мамлакат, ҳаёти фарҳангии кишвар нишон дода шудааст.
- Дар диссертатсия бо истифода аз маълумоти маъхазҳои хаттӣ, бойгонӣ, ахбори мухталифи таҳқиқот ва асарҳои муаллифони гуногун ба таври васеъ лашкар, қоидаҳои низоми ҳарбӣ ва таъминоти ҳарбии аморати Бухоро дар иртибот бо ҳолат, идора ва анъанаҳо омӯхта шудааст.

**Арзиши назариявӣ ва амалии таҳқиқот.** Диссертатсия дорои аҳамияти илмии назариявӣ ва амалӣ буда, натиҷаҳои бадастомада метавонанд дар корҳои илмӣ-таҳқиқотии муҳаққиқон ва муаррихон ҷиҳати инъикоси таърихи сиёсӣ ва ҳарбии аморати Бухоро дар замони протекторати Россияи подшоҳӣ кӯмаки воқеӣ расонанд. Аз маводи дар диссертатсия овардашуда аз натиҷа ва хулосаҳои он метавон дар мавриди таҳия ва хондани маърузаҳо, гузаштани дарсҳои амалӣ ва семинарҳо, корҳои мустақилонаи донишҷӯён, навиштани диссертатсия ва монографияҳо, китобҳои дарсӣ, услубӣ ба таври васеъ истифода намуд.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ.** Саҳми шахсии муаллифи диссертатсия бо сатҳи навгонии илмии диссертатсионӣ, нуқтаҳои илмӣ, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд, интишороти илмӣ, ки бо саҳми бевоситаи ӯ омода карда шудаанд, инчунин бо маърӯзаҳо дар семинарҳо ва конференсияҳои илмӣ-амалии гуногун тасдиқ карда мешавад.

**Натиҷаи таҳқиқоти** мазкур, хулосаю навгониҳои илмӣ, муқарраროти ба ҳимоя пешниҳодшаванда ва тавсияҳои ҷанбаи амалидошта бевосита аз ҷониби муаллиф таҳия, баррасӣ ва собит карда шудаанд. Муқарароти

асосии диссертатсия дар як қатор интишороти муаллиф, аз ҷумла: 1 монография, 3 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 4 мақолаи илмии дар дигар нашрияҳҳо батабърасида, таҷассум ёфтаанд.

**Феҳристи интишороти илмии довталаби дараҷаи илмӣ**

**Монография:**

**[1-М].** Султонзода Б.С. Лашкари аморати Бухоро: ҳолат, идора ва анъанаҳо. –Хуҷанд: Меъроҷ, - 2017. – 232 с.

**Мақолаҳо дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон**

**[2-А].** Султонзода Б.С. Об административном управлении Бухарского ханства (вторая половина XVIII –XIX в.) // Паёми донишгоҳи миллӣ (маҷаллаи илмӣ). Қисми II, №3/8 (150).– Душанбе: «Сино» 2014. – С. 38-41.
**[3-М].** Султонзода Б.С. Доир ба идораи маъмурии Бухоро (то миёнаҳои асри XIX) Паёми донишгоҳи омӯзгорӣ // Нашрияи Донишгоҳи давлатии омӯзгории ба номи С. Айнӣ. №1(62-2) Душанбе -2015. – С. 86-91.
**[4-М].** Султонзода Б.С. Таъминоти моддӣ ва маишии хизматчиёни ҳарбӣ дар аморати Бухоро. // Паёми донишгоҳи омӯзгорӣ // Нашрияи Донишгоҳи давлатии омӯзгории ба номи С. Айнӣ. № 3 (86)-Душанбе - 2020. – С. 279-283.

**Мақолаҳои дар дигар нашрияҳо ба табърасида:**

**[5-М].** Султонзода Б., Шукриллаев Ю. Аслиҳа ва таъминоти ҳарбии ҷанговарон дар Аморати Бухоро // Тафаккури таърихӣ. Маҷмӯаи мақолаҳои олимони ҷавон дар риштаи таърих. – Тошкент. – 2013. – С. 162-173.
**[6-А].** Султонзода Б.С. Организация военных дел в Бухарском эмирате в XVII- XIX вв. // Осори Академия (Труды Академии). №2 (22).– Душанбе: «Глобус», 2014.– С. 12-17.
**[7-М].** Султонзода Б.С. Таъминоти аслиҳаҳои ҷангӣ ва авзои ҷанговарони ҳарбӣ дар хонигарии Бухоро // Садоқат. Маҷмӯаи мақолаҳои ҳайати профессорону омӯзгорон ва маърӯзаҳои курсантони факултети №4 бахшида ба 20-солагии Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 600-солагии Мавлоно Абдураҳмони Ҷомӣ.–Душанбе - 2014. – С.166-170.

[8-М]. Султонзода Б.С. Ҷараёнҳои сиёсӣ-ҳарбӣ дар замони ҳукмронии манғитиён дар аморати Бухоро то истилои Россияи подшоҳӣ (1756-1865) // Анҷумани апрелии байналмилалии донишҷӯён ва омӯзгорон дар ДОТ дар ш. Панҷакент. – Панҷакент: Иршод, 2017. – С.254-270.

**Пешниҳоди диссертасия ба** Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-035:

1. Диссертатсияи докторанти фалсафа (PhD) Султонзода Б.С., дар мавзӯи «Лашкардории аморати Бухоро дар замони тобеияти вассалӣ ба Россияи подшоҳӣ (солҳои 60-уми асри XIX ибтидои асри XX)» ҷиҳати дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯи ихтисоси 07.00.02 - Таърихи ватанӣ (таърихи халқи тоҷик) ҷиҳати дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисосҳои 6D020300 - Таърих, ихтисоси 6D020301 – Таърихи ватанӣ (таърихи халқи тоҷик) ҳамчун кори илмӣ-тахассусии анҷомёфта ба талаботи муқарраргардидаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба дарёфти дараҷаи илмӣ ҷавобгӯ мебошад.

2. Диссертатсияи Султонзода Беҳзод Султонӣ дар мавзӯи «Лашкардории аморати Бухоро дар замони тобеияти вассалӣ ба Россияи подшоҳӣ (солҳои 60-уми асри XIX ибтидои асри XX)» ҷиҳати дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯи ихтисоси 07.00.02 - Таърихи ватанӣ (таърихи халқи тоҷик) бо назардошти пешниҳоду тавсияҳои муқарризон барои баррасӣ ва ҳимоя ба Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-035-и назди Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А. Дониши АМИТ пешниҳод карда шавад.

Хулосаи мазкур дар ҷаласаи Шӯрои олимони факултети сиёсатшиносӣ ва муносибатҳои байналхалқӣ Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон. Протоколи № 9 аз 22. 04. 2022

Дар ҷаласа иштирок доштанд: 20 нафар, аз ҷумла аз рӯи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда 2 нафар докторони илм.

**Натиҷаи овоздиҳӣ:**
«ҷонибдор» -20 нафар
«муқобил» - нест
«бетараф» – нест
Карор якдилона кабул карда шуд.

Раиси Шӯрои олимони факултети
сиёсатшиносӣ ва мб ДДҲБСТ,
доктори илмҳои сиёсатшиносӣ, профессор Акмалова М.А.

Котиби илмии Шӯрои олимони факултети
сиёсатшиносӣ ва мб ДДҲБСТ Нурмаҳмадов Ю.Ш.

Муқарризони холис:
Номзади илмҳои таърих, дотсенти
кафедраи таърих ва диншиносӣ Файзуллоева М.Ш.

Номзади илмҳои таърих, дотсенти
кафедраи сиёсатшиносӣ Одинаев А.О.

Имзоҳои Акмалова М.А., Нурмахмадов Ю.Ш.,
Файзуллоева М.Ш., Одинаев А.О.-ро тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо ва
корҳои махсуси ДДҲБСТ Мирпоччоев И.Х.
22.04.2022

ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ҲУҚУҚ, БИЗНЕС ВА СИЁСАТИ ТОҶИКИСТОН
ШӮЪБАИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС

Нишонӣ:
734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Хуҷанд, микроноҳияи 17, хонаи 1,
Тел.: +992342223811
Факс: +992342225170
E-mail: tsulp@rambler.ru